**Тасдиқ мекунам**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор Насриддинзода Э.С.**
**_____________**
**«_8_» _____________ 2024с.**

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

## 1. Мухтавои мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илми эълоншуда

Чуноне ки аз мухтавои диссертатсия бармеояд, муқаррароти асосии таҳқиқоти анҷомёфта ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ аз ҷумла: 7, 15, 19, 22 ва 24. мувофиқат мекунад.

## 2. Мубрамият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқот.

Муҳоҷирати меҳнатӣ ва проблемаҳои марбути он дар тамоми марҳалаҳои рушди ҷомеаи башарӣ дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон ҷой доштанд. Албатта, бо дарназардошти сатҳи пешрафти иқтисодӣ ва рӯзгори аҳли ҷомеа масъалаҳои номбурда дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии ин ё он давлат мақоми сазовори худро ёфта, роҳҳои мухталифи ҳаллу фасли худро низ пайдо намуданд. Вале ҳаминро бояд махсусан қайд намуд, ки дар ҷаҳон мамлакатеро пайдо намудан мушкил аст, ки кулли масъалаҳои марбути муҳоҷирати меҳнатиро комилан ҳаллу фасл намуда карда тавониста бошад. Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки дар роҳи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ қарор дорад, дар робита ба вазъи душвори иқтисодӣ - иҷтимоии ҳозира дар ҷодаи танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар

бахши кишоварзии бозори меҳнат ба масъалаҳое, рӯ ба рӯ шудааст, ки ҳаллу фасли онҳо саъю кӯшиши зиёдеро низ ҷиддан тақозо дорад.

Бояд қайд намуд, ки омилҳои асосии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ, ин пеш аз ҳама: шумораи аҳолӣ аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол, дараҷаи мавҷудаи шуғл ва сохтори аҳолӣ, дараҷаи махсусгардонии корхонаҳои кишоварзӣ, таъмин будани корхонаҳо бо базаи ашёи хом ва захираҳои моддӣ-техникӣ, дараҷа динамика ва самаранокии истеҳсолот, фаъолияти инвеститсионии корхона ва ташкилотҳои кишоварзӣ, диққатҷалбкунанда будани минтақа ва инкишофи инфрасохтори иҷтимоӣ, дастгирии корхонаҳои кишоварзӣ аз ҷониби давлат ва мақомотҳои маҳаллии деҳот, дараҷаи пасти зиндагии аҳолии деҳот ва музди меҳнат дар кишоварзӣ мебошад. Дар робита ба ин, омӯзиши равандҳои муосири муҳоҷират, таҳлили миқёс, самтҳо ва омилҳое, ки онҳоро муайян мекунанд, инчунин муайян кардани ҷанбаҳои гуногуни таъсири муҳоҷират ба бозори меҳнати кишоварзии минтақа, мубрамии мавзуи таҳқиқ ва сабаби интихоби онро нишон медиҳад.

### 3. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии он), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда додан мумкин аст.

Навгонии таҳқиқоти илмӣ аз асоснокқунии ҷанбаҳои назариявию методологии равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзӣ ва таъсири он ба бозори меҳнати минтақавӣ, инчунин ошкорнамоии омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат ва мукаммалгардонии механизми идоракунии равандҳои муҳоҷират дар бозори кишоварзии меҳнати вилояти Хатлон бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии бозори меҳнати минтақавӣ ташкил медиҳад. Унсурҳои асосии навгонӣ инҳо мебошанд;

- Исбот карда шудааст, ки назария ва равишҳои назариявии таҳқиқи олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба бозори меҳнат ва муҳоҷират дар бахши кишоварзӣ исбот карда шуда, доир ба раванди идоракунии бозори меҳнати соҳаи кишоварзии минтақа нуқтаи назари муаллиф пешниҳод гардида,

методологияи таҳлили таъсири равандҳои муҳоҷират ба соҳаи кишоварзии минтақа ва методикаи методикаи арзёбии он муайян карда шудааст;

- дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ таҷрибаи Олмон, Франсия ва Россия оид ба ташкил намудани платформаи онлайн доир ба ҷойҳои кории холӣ дар соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, пешниҳоди имтиёзҳои иҷтимоӣ, пешниҳоди қарзҳои хурд ва грантҳо бо мақсади ҷалби бештари аҳолии деҳот ба корҳои кишоварзӣ ва бо ин васила нигоҳ доштани кадрҳои баландихтисос дар бахши кишоварзии бозори минтақавии меҳнат барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда шуда ба талаботи муосир ҷавобгу мебошанд;

- Дар заминаи таҳлили муаллиф дар бозори меҳнати минтақа муайян карда шуд, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи мавриди таҳлил нишондиҳандаҳои рушди устуворро дар вилояти Хатлон таъмин намудааст, ки яке аз сабабҳои асосиаш, ба андешаи муаллиф, паҳншавии бемории COVID-19 мебошад. Дар кишварҳои собиқ иттиҳоди шуравӣ вилояти Хатлон тавонист соҳаи кишоварзиро дар сатҳи баланд карор диҳад. аз ҷониби ҳамаи кишварҳои ИДМ баста шуданд. Дар ин ҳолат дар вилояти Хатлон барзиёдии қувваи корӣ ба вуҷуд омада, қисми бештари он ба кишоварзӣ машгул шуд арзиши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар бозорҳои дохили мамлакат таъғир наёфта ва гурӯҳбанди карда шуда, иқтидори соҳаҳои қишоварзӣ ва иқтисодиёт минтақаро ошкор намуда ва имконияти таъсиси онро чунин баррасӣ намудааст;

- омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ таҳлил ва муайян карда шуда, таъсири ҳодисаҳои фавқулода дар соҳаи кишоварзӣ, сатҳи пасти музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, таносуби афзоиш ва гурӯҳбандии аҳолии шаҳру деҳоти вилояти Хатлон, дараҷаи бекорӣ, афзоиши шумораи корхонаҳои кишоварзии зарардида ҳамчун омилҳои таъсиррасон ба зиёдшавии муҳоҷирон муайян ва ҳалли масъалаҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ дар самти таъсири муҳоҷират ба

рушди иқтисодиёти кишоварзӣ бо ташкили кластерҳои агросаноатӣ пешниҳод карда шудааст;

- самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ муайян карда шуда, ташкил намудани муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷҳо бо мақсади тайёр намудани кадрҳои болаёқат дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон аз ҳисоби муҳоҷирон, таъсиси ҷойҳои корӣ барои муҳоҷирон дар соҳаи кишоварзӣ, бо мақсади касбомӯзи ба муҳоҷирон омӯзиши технологияҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани он дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа, ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ бо мақсади ташкили ҷойҳои корӣ ва кам намудани сафи муҳоҷиршавии аҳолии минтақа, гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа пешниҳод карда шудааст;

- механизми идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ ва алоқамандииии байни унсурҳои механизми идоракунии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, инчунин таҳияи сохтори такмилёфтаи механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа ҳамчун омили мусбати рушди кишоварзии минтақа пешниҳод карда шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот тамоми зинаҳои таҳқиқот ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқот, ба монанди интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Дар раванди таҳқиқот муаллиф такмили механизми идоракунии равандҳои муҳоҷиратро дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ таҳия, муаммоҳои мавҷударо муайян ва самтҳои афзалиятноки рушди бозори меҳнати кишоварзиро асоснок кардааст.

4. **Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва коркарди проблемаҳои илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.**

Кори диссертатсиони фарогири мавзуи муҳим буда, дар он масъалаҳои мубрами равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар бахши кишоварзии бозори

меҳнати минтақавӣ таҳқиқ ва роҳҳои ҳалли масъалаҳои илмӣ аз ҷиҳати илмӣ пурра асоснок карда шудааст. Ҳадафи асосии таҳқиқот аз омӯзиш ва таҳқиқи асосҳои назариявии бозори меҳнат ва муҳоҷират дар соҳаи кишоварзӣ, муайян намудани  омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат, дарёфти роҳҳои такмили механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон иборат аст.

Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳо ва равишҳои маърифати илмӣ ташкил медиҳад. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои зерин: усулҳои иқтисодию оморӣ, монографӣ, абстрактӣ ва мантиқӣ, гурӯҳбандии ҳисобҳои конструктивӣ ва дигарҳо истифода карда шуданд.

Ҳалли вазифаҳои гузошташудаи назариявӣ, методӣ ва амалӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти диссертатсионии иҷрошуда сатҳи кофии дараҷаи илмиро доро мебошад. Муқаррароти асосии диссертатсия аз маълумотҳои марказҳои таҳқиқотӣ, сомонаҳои интернетӣ, мақолаҳои нашршуда дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, авторефератҳо, диссертатсияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ доир ба масъалаи таҳқиқшаванда ҳамчун пойгоҳи назариявии ин таҳқиқот хизмат кардаанд. Инчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни муаммоҳои механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа фаро гирифтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, 27 ҷадвал, 10 расм, 3 диаграмма, хулоса, пешниҳод иборат буда, бо истифода аз 217 сарчашма таҳия карда шуда, дар 175 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи кор, объект, мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

**Дар боби якум, «Асосҳои назариявии таҳқиқи бахши кишоварзии бозори меҳнат дар замони муосир ва алоқамандии он бо муҳоҷирати меҳнатӣ»** асосҳои назариявии таҳқиқи бозори меҳнат ва муҳоҷират дар соҳаи кишоварзӣ, методикаи арзёбии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа, омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба таъсири муҳоҷират ба бахши кишоварзии минтақа мавриди тадқиқот қарор дода шудааст. Муаллиф дар ин қисмати кори диссертатсионӣ хусусиятҳои асосии бозори меҳнат, муайян намудани сохтор ва унсурҳои таркибии он, механизми талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат ва таъсири он ба бахши кишоварзии минтақа таҳқиқ намуда нуқтаи назари муаллифи доир ба бозори меҳнати кишоварзии минтақаро пешниҳод намудааст (саҳ 18-28). Муаллиф дар асоси таҳқиқи методикаи арзёбии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа, истифодаи методологияи таҳлили таъсири равандҳои муҳоҷират ба соҳаи кишоварзӣ пешниҳод намудааст. Равишҳои пешниҳодшуда ҳамдигарро мукаммал намуда, дар якҷоя системаи усулҳо, роҳҳо ва воситаҳои таҳлили соҳаи кишоварзиро ташкил медиҳанд, ки ба ҳадди ақал кам кардани таҳдидҳо ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва беҳтар намудани таъсири мусбати муҳоҷират нигаронида шудаанд (саҳ 29-45).

Диссертант дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла ИМА, Канада, Мексика, Юнон, Шветсия, Норвегия, Ирландия, Дания, Олмон, Франсия, Британияи Кабир, Испания ва Федератсияи Россия оид ба идоракунии муҳоҷират дар бахши кишоварзии минтақа мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Истифодаи механизми кишварҳои хориҷӣ (Олмон, Франсия, Россия) барои ҷалби коргарони маҳаллӣ ба корҳои мавсимӣ сохтани платформаи онлайн бо ҷой додани эълон дар он дар бораи ҷойҳои кор ва дигар маълумоти марбут ба корҳои саҳрой, мутобиқ ба ин таҷриба дар сомонаҳои Вазорати кишоварзӣ ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтани онлайн-платформаҳо барои ҷой додани маълумот дар бораи ҷойҳои холии кор дар соҳаи кишовразӣ лозим аст, ки ин сомонаҳо дар баробари намудҳои кор дар бораи теъдоди коргарон ва дигар маълумотҳои

лозимаро дошта бошанд, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст (саҳ 47-60).

**Дар боби дуюм "Таҳлили равандҳои муосири муҳоҷират дар бозори меҳнат ва таъсири он ба бахши кишоварзии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон"** Ҳолати муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа ва таъсири он ба бахши кишоварзӣ, таҳлил ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат ва кластерикунонӣ ҳамчун усули коҳишдиҳии таъсири номатлуби муҳоҷирати қувваи корӣ ба бахши кишоварзии вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф таҳлили шумораи муҳоҷирони меҳнатии вилояти Хатлонро дар давраи таҳқиқот таҳлил намуда қайд менамояд, ки шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2021 дар муқоиса бо соли 2016 коҳиш ёфтааст. Агар муҳоҷирон соли 2016, 229,8 ҳазор нафар бошад, ҳамин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 161,0 ҳазор нафар баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2016 68,8 ҳазор нафар кам мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тайи солҳои охир дар баробари мардон занон низ ба раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишварҳои дуру наздик иштирок менамоянд. Ба андешаи мо гузаронидани курсҳои омӯзишии соҳибкорӣ бо занони муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо бо мақсади ҷалби маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирон ҳамчун сармоя барои рушди оила, ҷудо кардани қарзҳои хурд ба занон ва бо кор таъмин кардани онҳо, яке аз роҳҳои кам намудани занон ба сифати муҳоҷир мебошад (саҳ 62-109).

**Боби сеюм "Роҳҳои такмилдиҳии механизми идоракунии равандҳои муҳоҷират дар бозори меҳнати минтақавӣ ва коҳишдиҳии таъсири он ба бахши кишоварзӣ"** номгузори шуда дар ин боб самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ, такмили механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки вилояти Хатлон дорои иқтидори хуб барои ҳал намудани мушкилоти идоракунии раванди муҳоҷират ва таъсири он ба соҳаи кишоварзии минтақа аз самтҳои зерин иборат мебошад, пешниҳод намудааст: зиёд намудани

муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷҳо бо мақсади тайёр намудани кадрҳои болаёқат дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон аз ҳисоби муҳоҷирон, гузаронидани ярмарка ва таъсиси ҷойҳои корӣ дар вилояти Хатлон, омӯзиши муҳоҷирон ба технологияиҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани он дар соҳаи кишоварзии минтақа, сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, бо мақсади ташкили ҷойҳои корӣ ва кам намудани сафи муҳоҷиршавии аҳолии минтақа. Инчунин диссертант сохтор ва механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақаро таҳия намуда чунин қайд менамояд, ки дар иқтисодиёти вилояти Хатлон, бо рушди механизмҳои ҳамоҳангсозии бозор, раванди ташаккули институтҳои мутамаддини бозори меҳнатро суръат бахшидан лозим аст (саҳ 110-143).

**5. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович ба таҳқиқи масъалаҳои мубрами таъсири равандҳои муҳоҷират ба бахши кишоварзии бозори минтақавии меҳнат бахшида шуда дар он самтҳои асосии механизми идоракунии равандҳои муҳоҷират ва таъсири он ба бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ таҳқиқ гардидааст. Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (солҳои 2016-2022) пешниҳод гардида, дастгирӣ ёфтаанд. Аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Рушди гидроэнергетика - Рушди Тоҷикистон» (20-уми декабри соли 2018) дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва нақши он дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқи давлатҳо» бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (27 декабри соли 2021, шаҳри Кӯлоб) мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 13 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 5,0 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 11 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ба нашр расидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, 27 ҷадвал, 10 расм, 3 диаграмма, хулоса, пешниҳод иборат буда, бо истифода аз 217 сарчашма таҳия карда шуда, дар 175 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

Автореферат ва корҳои нашршудаи илмии муаллиф мухтавои асосии таҳқиқоти анҷомшударо инъикос менамояд.

**6. Эродҳо нисбат ба кори диссертатсионӣ.**

Дар кори диссертатсионӣ дар баробари ҷанбаҳои мусбати кори тақризшаванда баъзе камбудиҳо низ ҷой дорад:

1. Саҳми олимони ватанӣ дар раванди асосҳои назариявию методологии таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии минтақа кам ба чашм мерасад.
2. Дар раванди таҳлили равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии минтақа ба истифодаи методҳои математикӣ ва муқоисаҳои минтақавӣ камтар диққат дода шудааст.
3. Дар ҷадвалҳои диссертатсия аз маълумотҳои омори бисёртар истифода бурдааст.
4. Хуб мешуд дар номгӯзории боби сеюм, саволи 3.2. таваҷҷӯҳи бештар зоҳир мегардид.
5. Дар ин самт маводҳо хеле зиёданд, зеро аз тарафи давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ якчанд қарору фармонҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул гардидааст ва агар диссертант дар корашон аз онҳо бисёртар истифода мебурд, беҳтар буд.

Камбудиҳое, ки дар боло қайд карда шудаанд, моҳияти назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунанд ва дорои характери тавсиявӣ мебошанд.

**7. Мутобиқати диссертатсия ба талабот нисбати барасмиятдарории он мувофиқи талаботҳо "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Хулоса диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори

меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» кори анҷомшудаи илмӣ тахассуси буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои эътимоднок мебошад ва ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Кабиров Шарофудин Раҳмудинович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи якҷояи кафедраи иқтисоди милли ва бехатарии иқтисодий Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ аз рӯи тасдиқи тақризи муассисаи пешбар: тарафдор 10 нафар; зид – нест; бетараф нест. ( Протоколи № 7 аз 02.02.2024 сол )

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи иқтисоди
миллӣ ва бехатарии иқтисодии ДМТ
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Тағоев Б.Д.**

**Ташхисгар:**
н.и.и., дотсенти, кафедраи иқтисоди милли
ва бехатарии иқтисодӣ ДМТ **Сафаров А.Ҳ.**

**Котиби ҷаласа:**
Муаллими калони кафедра
кафедраи иқтисоди милли
ва бехатарии иқтисодӣ ДМТ **Чоршанбиев С.Р.**

Имзоҳои . Тағоев Б.Д., Сафаров А.Ҳ., Чоршанбиев С.Р-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ **Тавқиев Э.Ш.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел(+992)37 221-62-25
Info@tnu. Tj